# Масеҳ 5



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.


ПАС АЗ ИНТИХОБИ ШОГИРДОН ИСО ДАР ШАҲРҲО ГАШТА, ШИФО ДОДАН ВА ТАЪЛИМ ДОДАНРО ДАВОМ ДОД.
ХУШО КАСОНЕ КИ РӮҲАН БЕНАВО ҲАСТАНД, ЗЕРО ПОДШОҲИИ ОСМОН АЗ ОНИ ОНҲОСТ!
ХУШО МОТАМЗАДАГОН, ЗЕРО ОНҲО ТАСАЛЛӢ ХОҲАНД ЁФТ!
ХУШО НАРМДИЛОН, ЗЕРО ОНҲО ВОРИСИ САРЗАМИН ХОҲАНД ШУД!
ХУШО ГУРУСНАГОН ВА ТАШНАГОНИ РОСТӢ!
ОНҲО СЕР ХОҲАНД ШУД!
ХУШО МАРҲАМАТКУНАНДАГОН, ЗЕРО ОНҲО МАРҲАМАТ ХОҲАНД ЁФТ!
ХУШО ПОКДИЛОН, ЗЕРО ОНҲО ХУДОРО ХОҲАНД ДИД!
ХУШО СУЛҲҶӮЁН, ЗЕРО ОНҲО ФАРЗАНДОНИ ХУДО ХОНДА ХОҲАНД ШУД!
ХУШО ТАЪҚИБШУДАГОН ДАР РОҲИ РОСТӢ, ЗЕРО ПОДШОҲИИ ОСМОН АЗ ОНИ ОНҲОСТ!
ХУШО ШУМО, ҲАНГОМЕ КИ ШУМОРО БА ХОТИРИ МАН ДАШНОМ ДИҲАНД ВА ТАЪҚИБ НАМОЯНД ВА ҲАР СУХАНИ БАДЕ БО ДУРӮҒ ЗИДДИ ШУМО ГӮЯНД!
ШОД ВА ХУШҲОЛ БОШЕД! ПАЙҒАМБАРОНИ ПЕШ АЗ ШУМОРО НИЗ ҲАМИН ТАВР ТАЪҚИБ МЕКАРДАНД!
ПОДОШИ ШУМО ДАР ОСМОН БУЗУРГ АСТ!
МАТТО 5:1-12; ЛУҚО 6:17-23


ШУМО НАМАКИ ҶАҲОН ҲАСТЕД!
ЛЕКИН АГАР НАМАК ҚУВВАТАШРО ГУМ КУНАД, БО КАДОМ ЧИЗ БОЗ НАМАКИН ШАВАД?
БО ҲЕҶ ЧИЗ! ОН БА БЕРУН ПАРТОФТА МЕШАВАД ВА ПОЙМОЛИ ОДАМОН МЕГАРДАД!
Ш УМО НУРИ ҶАҲОН ҲАСТЕД!
ШУМО БО ЧАРОҒ ЧӢ МЕКУНЕД? ОНРО ДАР ҶОЕ МЕГУЗОРЕД, КИ БА ҲАМАИ ОДАМОНЕ КИ ДАР ХОНААНД, РӮШНОӢ ДОДА ТАВОНАД!
ҲАМЧУНИН БИГЗОР НУРИ ШУМО БА ОДАМОН ТОБАД, ТО ОНҲО ПАДАРИ ОСМОНИИ ШУМОРО ҲАМДУ САНО ХОНАНД!
ГУМОН НАКУНЕД, КИ БАРОИ БЕКОР КАРДАНИ ТАВРОТ Ё НАВИШТАҲОИ ПАЙҒАМБАРОН ОМАДААМ!
НАОМАДААМ, КИ БЕКОР КУНАМ...
БАЛКИ БА ҶО ОВАРАМ!



МАТТО 5:13-17




МАТТО 7:24-29, 8:5-7; ЛУҚО 6:47-49, 7:1-6


ЭЙ ХОҶА, ХОҶААМ ФАРМУД, КИ БА ШУМО ПАЁМЕРО РАСОНАМ.
Ў МЕГЎЯД: «МАН ШОИСТАИ ОН НЕСТАМ, КИ ТУ БА ХОНАИ МАН БИЁӢ.
МАН ЯК ФАРМОНБАР ҲАСТАМ, АММО ДАР ЗЕРИ ИТОАТИ ХУД САРБОЗОН ДОРАМ;
БА ОНҲО ФАРМОН МЕДИҲАМ, ВА ОНҲО ИТОАТ МЕКУНАНД.
ФАҚАТ СУХАНЕ ГЎЙ,
ВА МАН МЕДОНАМ, КИ ХИЗМАТГОРАМ ШИФО МЕЁБАД».
БИРАВ. ҲАМИН ТАВР МЕШАВАД.
МАН ДАР ТАМОМИ ИСРОИЛ ЧУНИН ИМОНЕ НАЁФТААМ!
ҲОЗИР ШУМО ИНРО НАМЕФАҲМЕД...
... БИСЁР КАСОН АЗ ШАРҚ ВА ҒАРБ ОМАДА, ДАР ПОДШОҲИИ ОСМОН БО ИБРОҲИМ, ИСҲОҚ ВА ЯЪҚУБ МЕШИНАНД!
ХОҶААМ! ХИЗМАТГОРИ ТУ ШИФО ЁФТ!
ҲА. МАН МЕДОНАМ.


НАЗДИ ДАРВОЗАИ ШАҲРИ НОИН.
ХОҲИШ МЕКУНАМ, АЗ ИН ҶО МАРОСИМИ ДАФН ГУЗАШТА МЕРАВАД!
ХОҲИШ МЕКУНАМ, ПЕШИ РОҲИ МОРО НАГИРЕД!
САБР КУНЕД! ХОҲИШ МЕКУНАМ, ИСТЕД!
ГИРЯ НАКУН, ЭЙ ЗАН.
АММО ПИСАРИ МАН... АВВАЛ ШАВҲАРАМ, ВА АКНУН ПИСАРАМ НИЗ!
ЭЙ ҶАВОН! БАРХЕЗ!
Ӯ ЧӢ КАРДА ИСТОДААСТ!
Ӯ ДЕВОНА ШУДААСТ!
МАН... МАН... ЧӢ ТАВР?
ИН ҒАЙРИИМКОН АСТ!
ФАҚАТ ХУДО ЧУНИН КАРДА МЕТАВОНАД!
ДАР БАЙНИ МО ПАЙҒАМБАРЕ ПАЙДО ШУДААСТ!
ХУДОРО ҲАМДУ САНО ХОНЕД!
ӮРО ҲАМДУ САНО ХОНЕД!
«ВА МАРДУМ ПАРВАРДИГОРРО ҲАМДУ САНО ГУФТАНД, ВА АКНУН ҲАМА ДАР БОРАИ ИН ВОҚЕАҲО ГАП МЕЗАНАНД, ЮҲАННО! АФСӮС, КИ...»

ЛУҚО 7:11-18






МАТТО 11:2-6; ЛУҚО 7:18-23




МАТТО 11:7-15; ЛУҚО 7:24-30






МАТТО 11:16-19; ЛУҚО 7:29-37


БУБАХШЕД!
ИН МУРР АСТ, ХОҶААМ.
ИҶОЗАТ ДЕҲ ПОЙҲОЯТРО ШӮЯМ.
... АГАР Ӯ ПАЙҒАМБАР МЕБУД, ЧУНОН КИ МЕГӮЯД, ПАС МЕДОНИСТ, КИ ИН ЗАН ТО ЧӢ АНДОЗА ГУНОҲКОР АСТ!
ИҶОЗАТ ДЕҲ БА ТУ ЧИЗЕ ГӮЯМ.
АЗ ҚАРЗХОҲЕ ДУ КАС ҚАРЗДОР БУДАНД: ЯКЕ ПАНҶСАД ДИНОР ВА ДИГАРЕ ПАНҶОҲ ДИНОР.
АЗБАСКИ БАРОИ АДО КАРДАН ЧИЗЕ НАДОШТАНД, Ӯ ҲАР ДУРО БАХШИД.
КАДОМЕ АЗ ОНҲО ӮРО БЕШТАР ДӮСТ МЕДОРАД?
ҲАМОН КАСЕ КИ ҚАРЗИ БЕШТАР ДОШТ.
ИН ЗАН БО МУҲАББАТ ПОЙҲОИ МАРО ШУСТ; Ӯ БО ИМОН НАЗДИ МАН ОМАД.
ГУНОҲҲОЯТ БАХШИДА ШУДАНД.
БИРАВ. ИМОНАТ ТУРО НАҶОТ ДОД; БО ОСОИШ БИРАВ.
ТУ ГУНОҲҲОРО ҲАМ МЕБАХШӢ?
ҲАМАИ ИНРО ПАДАР БА МАН СУПУРДААСТ.






МАТТО 7:7-8; ЛУҚО 8:1-2


НЕ.
МАН ҲЕҶ ҶО НАМЕРАВАМ.
АММО ШУМО РАВЕД.
Ӯ АЗ МОСТ!
Ӯ МОРО ДАЪВАТ КАРДААСТ!
АКНУН ШУМО ДАР ИН ҶО ДАРКОР НЕСТЕД.
Ӯ НАЗДИ МАН ОМАДААСТ.
ШУМО ӮРО ТАРК МЕКУНЕД.
ХУДИ ҲОЗИР!!!


ИСО.
МАН МЕДОНИСТАМ. МАН ШУНИДА БУДАМ, КИ ТУ БАРОИ ДИГАРОН ЧӢ КАРДАЙ,– МАН МЕДОНИСТАМ.
ТАШАККУР.
ТАШАККУР БА ТУ.
МО БОЯД РОҲАМОНРО ДАВОМ ДИҲЕМ.
УСТОД? НОМИ МАН МАРЯМ АСТ.
МАН МЕХОҲАМ БО ТУ РАВАМ!
МО АЗ ОМАДАНИ ТУ ШОД ҲАСТЕМ, МАРЯМИ МАҶДАЛИЯ.



ЛУҚО 8:2



БО ДУВОЗДАҲ ШОГИРДОН, КИ ӮРО ПАЙРАВӢ МЕНАМУДАНД, ВА БАЪЗЕ ЗАНҲОЕ КИ ШИФО ЁФТА БУДАНД ВА АЗ РӮҲҲОИ БАД ОЗОД ШУДА БУДАНД...
...ИСО ХИЗМАТГУЗОРИИ ХУДРО ДАВОМ МЕДОД.
ПАЙРАВОНИ ИСО, АЗ ОН ҶУМЛА ЗАНОН, ХИЗМАТГУЗОРИИ ӮРО БО ДОРОИИ ХУД ДАСТГИРӢ МЕНАМУДАНД.
БО МУРУРИ ХИЗМАТГУЗОРИИ ИСО, СУХАН ДАР БОРАИ КОРҲОИ Ӯ ДАР ҲАМА ҶОЙ ПАҲН МЕШУД.
МОДАР! МОДАР!
Ӯ АЗ ҲАМИН РОҲ МЕГУЗАРАД!
КӢ?
БАРОДАРАМОН!
ИСО.
МОДАР, ТӮДАИ ОДАМОН АЗ ШАҲР БА ШАҲР АЗ ПАЙИ Ӯ МЕРАВАНД!
ОНҲО МЕГӮЯНД, КИ Ӯ ДЕВҲОРО МЕРОНАД!
МОДАР, Ӯ ТАМОМАН АЗ АҚЛ БЕГОНА ШУДААСТ!
МО БОЯД ӮРО БОЗДОРЕМ!






МАТТО 12:22; МАРҚУС 3:20


МОДАР... ПАДАР... МАН ДИДА МЕТАВОНАМ!
НЕ! АЗ ИН БИДЪАТКОР КАНОРАҶӮӢ КУНЕД!
Ӯ ДЕВҲОРО ФАҚАТ БО ҚУВВАИ САРВАРИ ХУД МЕРОНАД!
Ӯ ОНҲОРО БО ҚУДРАТИ БААЛ-ЗАБУЛ, РОҲБАРИ ДЕВҲО БЕРУН МЕКУНАД!
ШУБҲАЕ НЕСТ, КИ ХУДИ Ӯ НИЗ ГИРИФТОРИ БААЛ-ЗАБУЛ АСТ!
ОЁ ХУДАТ МЕФАҲМӢ, КИ ЧИҲО МЕГӮӢ?
ЧӢ ТАВР ШАЙТОН ШАЙТОНРО РОНДА МЕТАВОНАД?
ОЁ ХОНАВОДАЕ КИ ДАР ХУД ҶУДОӢ ДОРАД, УСТУВОР ИСТОДА МЕТАВОНАД?
ШАҲР? Ё ПОДШОҲӢ?
НЕ! ВА АГАР ШАЙТОН БА ХУД ЗИДДИЯТ КУНАД, УСТУВОР НАМЕМОНАД!
АГАР МАН ДЕВҲОРО БО ҚУВВАИ БААЛ-ЗАБУЛ МЕРОНДА БОШАМ, ШУМО БО ҚУВВАИ КӢ ИН КОРРО МЕКУНЕД?
ЛЕКИН АГАР МАН ДЕВҲОРО БА ВОСИТАИ РӮҲИ ХУДО БЕРУН МЕКАРДА БОШАМ, ПАС ПОДШОҲИИ ХУДО БА ШУМО ОМАДА РАСИДААСТ.
ҲАР КӢ БО МАН НЕСТ, БА МАН ЗИД АСТ!
ҲАР КӢ БО МАН ҶАМЪ НАМЕКУНАД, ПАРОКАНДА МЕКУНАД!
ДАРАХТ АЗ РӮИ МЕВАҲОЯШ ШИНОХТА МЕШАВАД!
ШАХСИ НЕК АЗ ГАНҶИНАИ НЕК ЧИЗИ НЕК БЕРУН МЕОВАРАД; ВА ШАХСИ БАД АЗ ГАНҶИНАИ БАД ЧИЗИ БАД БЕРУН МЕОВАРАД!
ВА РӮЗЕ ФАРО МЕРАСАД, КИ ҲАМАИ ОДАМОН ДОВАРӢ КАРДА МЕШАВАНД!





МАТТО 12:38-50; МАРҚУС 3:31-35; ЛУҚО 8:19-21


АНДАКТАР, ҲАМОН РӮЗ...
КОРАНДАЕ БАРОИ ПОШИДАНИ ТУХМӢ РАФТ.
ЯК МИҚДОР ТУХМӢ ДАР КАНОРИ РОҲ АФТОД, ВА ПАРАНДАГОН ОМАДА, ОНРО ХӮРДАНД ВА ПОЙМОЛ КАРДАНД.
ЯК МИҚДОР ТУХМӢ БАР САНГЛОХ АФТОД.
ОНҲО САБЗИДАНД, АММО ХОК ЧУҚУР НАБУД, ВА ОФТОБ ОНҲОРО ХУШКОНД ВА СӮЗОНД.
ЯК МИҚДОР ТУХМӢ ДАР МИЁНИ ХОРҲО АФТОД, ВА ХОРҲО ҚАД КАШИДА, ОНРО ПАХШ КАРДАНД
ЯК МИҚДОР ТУХМӢ БА ХОКИ НАҒЗ АФТОДА САБЗИД ВА ХӮШАҲОИ СОЛИМ ДОД, КИ ҲОСИЛИ ХУБ ОВАРДАНД!
ҲАР КӢ ГӮШИ ШУНАВО ДОРАД, ШУНАВАД!
ДЕРТАР, ҲАНГОМЕ КИ Ӯ ҲАМРОҲИ ШОГИРДОН БУД.
ЧАРО ТУ БО МАСАЛҲО СУХАН МЕГӮӢ?
БА ШУМО ДОНИСТАНИ СИРҲОИ ПОДШОҲИИ ОСМОН ДОДА ШУДААСТ, ЛЕКИН БА ОНҲО ДОДА НАШУДААСТ.
«ОНҲО НИГАРИСТА, НАМЕБИНАНД, ВА ГӮШ ДОДА, НАМЕШУНАВАНД».
ХУШО ЧАШМОН ВА ГӮШҲОИ ШУМО.
ШУМО ОН ЧИРО, КИ ПАЙҒАМБАРОН ВА РОСТКОРОН ДИДАН ВА ШУНИДАН МЕХОСТАНД, МЕБИНЕД ВА МЕШУНАВЕД!
ИН МАСАЛ ҲАМИН МАЪНОРО ДОРАД.
ТУХМӢ – КАЛОМИ ХУДОСТ.
ТУХМИИ ДАР КАНОРИ РОҲ АФТОДА – ОДАМОНЕ МЕБОШАНД, КИ КАЛОМРО МЕШУНАВАНД, АММО ШАЙТОН ТУХМИИ ДАР ОНҲО КОШТАШУДАРО МЕРАБОЯД.
ТУХМИИ ДАР КАНОРИ РОҲ АФТОДА – ОДАМОНЕ МЕБОШАНД, КИ КАЛОМРО МЕШУНАВАНД, АММО РЕША НАДОРАНД ВА МУДДАТИ КАМЕ УСТУВОР МЕМОНАНД.
ТУХМИИ ДАР ДАР МИЁНИ ХОРҲО АФТОДА – ОДАМОНЕ МЕБОШАНД, КИ КАЛОМРО МЕШУНАВАНД, АММО ТАШВИШИ ИН ЗИНДАГӢ КАЛОМРО ДАР ДИЛИ ОНҲО ПАХШ МЕКУНАНД.
ТУХМИИ ДАР ХОКИ НАҒЗ АФТОДА – ОДАМОНЕ МЕБОШАНД, КИ КАЛОМРО МЕШУНАВАНД ВА МЕФАҲМАНД ВА БОР ҲАМ МЕОВАРАНД.


ИСО МАСАЛҲОИ БИСЁРЕ МЕГУФТ.
ПОДШОҲИИ ОСМОН ЧУН ШАХСЕСТ, КИ ДАР КИШТЗОРИ ХУД ТУХМИИ НЕК КОШТ, ЛЕКИН ДУШМАНИ ВАЙ ОМАДА, ДАР МИЁНИ ГАНДУМ АЛАФИ БЕГОНА КОШТ!
ХИЗМАТГОРОН АЗ ХОҶААШОН ПУРСИДАНД, КИ ОЁ АЛАФҲОИ БЕГОНАРО ЧИДА ГИРАНД, АММО Ӯ ГУФТ, КИ ЧУНИН НАКУНАНД.
БИГЗОР ТО ВАҚТИ ДАРАВ БО ҲАМ РӮЯНД. БАЪД БА ГАНДУМ ЗАРАР НАРАСОНДА, АЛАФИ БЕГОНАРО ЧИДА МЕГИРЕМ.
ҲЕҶ КАС ШАМЪРО ДАРГИРОНДА ДАР ЗЕРИ КАТ НАМЕГУЗОРАД!
НЕ, ШУМО ОНРО БА ШАМЪДОН МЕГУЗОРЕД, ТО КИ ОДАМОН РӮШНОИРО ДИДА ТАВОНАНД!
БИДОНЕД! ҲАР ЧИЗИ НИҲОН ЯГОН ВАҚТ ОШКОР МЕГАРДАД!
ПОДШОҲИИ ХУДО МОНАНДИ ДОНАИ ХАРДАЛЕСТ, КИ БА ЗАМИН КОШТА ШУДААСТ.
ДОНАИ ХАРДАЛ ХУРДТАРИНИ ДОНАҲОСТ, АММО ОН ДАР БОҒИ ШУМО РАСТАНИИ КАЛОНТАРИН МЕШАВАД!
ПОДШОҲИИ ОСМОН МОНАНДИ ГАНҶЕСТ, КИ ДАР КИШТЗОР НИҲОН БОШАД.
ШАХСЕ КИ ОНРО МЕЁБАД, ЧӢ МЕКУНАД?
Ӯ КИШТЗОРРО МЕХАРАД!
ҲА! Ӯ ТАМОМИ ДОРОИИ ХУДРО ФУРӮХТА, ОН КИШТЗОРРО МЕХАРАД!
ОЁ МАСАЛҲОИ МАРО МЕФАҲМЕД?
АЛБАТТА!
ХУБ! ЧУНКИ ҲАР КИТОБДОНЕ КИ ДАР ПОДШОҲИИ ОСМОН ТАЪЛИМ ЁФТААСТ...
... МОНАНДИ СОҲИБИ ХОНАЕСТ, КИ АЗ ГАНҶИНАИ ХУД ЧИЗҲОИ НАВ ВА КӮҲНА БЕРУН МЕОВАРАД!
БО МАСАЛҲО ТАЪЛИМ ДОДА, Ӯ РОҲИ ХУДРО ДАВОМ МЕДОД.
МАТТО 13:24-53; МАРҚУС 4:21-34




МАТТО 8:23-26; МАРҚУС 4:35-38; ЛУҚО 8:22-24






МАТТО 8:26-28; МАРҚУС 4:39-5:1; ЛУҚО 8:24-26




МАТТО 8:28-29; МАРҚУС 5:2-8; ЛУҚО 8:27-29




МАТТО 8:29-32; МАРҚУС 5:8-13; ЛУҚО 8:29-32


ҲОЗИР БО МАН ЧӢ РӮЙ ДОД?
БАРХЕЗ, МО ТУРО БА ХОНААТ МЕБАРЕМ.
НЕ!






МАТТО 8:34; МАРҚУС 5:17-20; ЛУҚО 8:37-39

"THE BIBLE EXPLAINED IN EVERY LANGUAGE."





**SUPERBIBLE.TV**